«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, профессор
Гулназарзода Ж. Б. ___________
аз «17» февраля соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Нажмудинзода Рисолат Хайридин аспиранти шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт. Нажмудинзода Рисолат Хайридин соли 2015 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “Забоншиносии компютерӣ” хатм кардааст. Пас аз хатми Донишгоҳ соли 2016 ба ҳайси аспиранти ғоибона дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2020 хатм намудааст.

Аз соли 2015 то соли 2023 ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Рӯдакӣ ва аз соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 09.02.2016, № 69-05 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 27.01.2020, бо фармоиши №29-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04 марти соли 2016 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Нажмудинзода Рисолат Хайридин доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гулназарзода Жило Бурӣ мебошад.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоқикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертант Нажмудинзода Рисолат Хайридин 10-уми феврали соли 2025, № 238 дар мавриди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ маълумотнома додааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим

Улуғзода дода шудааст. Имтиҳонҳоро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (забони англисӣ) ва назарияи забон супоридааст.

Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 10-уми феврали соли 2025, суратҷаласаи №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик» чунин хулоса қабул карда шуд:

- Бо назардошти оне, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаи назариявӣ дорад ба ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон пешниҳод карда шавад.
- Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.19 – Назарияи забон нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқ иртиботи ногусастанӣ дорад.
- Мавзуи рисолаи илмӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои филологӣ, алалхусус, барои таҳияи фарҳангномаҳои соҳавӣ ва чандзабонаи тоҷикӣ, китобҳои дарсии макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ, ҳамчунин, тартиб додани луғатномаи истилоҳоти забоншиносӣ метавон истифода кард.
- Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар 8 мақолаи муаллиф, ки аз миёни онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаи маърузаю гузоришҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад.
- Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назариявии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назариявию амалии мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи осори таҳқиқшавандаро дар заминаи усулҳои муосири забоншиносӣ баррасӣ намудааст.

Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик» ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима се боб, нуҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо ҷудо мешаванд.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда,

интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2.75 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Нажмудинзода, Р.Х. Назаре ба таърихи фарҳангнигории тоҷик / Р.Х. Нажмудинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/6 (140). – С. 93-97. ISSN 2413-516X
2. Нажмудинзода, Р.Х. Ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ дар асрҳои миёна / Р.Х Нажмудинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – № 4/7 (163). – С. 140-143. ISSN 2413-516X
3. Нажмудинзода, Р.Х. Назаре ба таърихи ташаккули истилоҳот / Р.Х. Нажмудинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – № 4 (163). – С. 87-90. ISSN 2413-516X
4. Нажмудинзода, Р.Х. Нақши низоми грамматикии араб дар ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ / Р.Х. Нажмудинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 2 (163). – С. 79-86. ISSN 2413-516X
5. Нажмудинзода, Р.Х. Корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар марҳилаи ташаккули забони адабии тоҷикӣ / Р.Х. Нажмудинзода // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. - Душанбе, 2021. - № 3 (43). - С. 67-73. ISSN 2226-9355
6. Гулназарзода, Ж.Б., Нажмудинзода Р.Х. Нақши Пешвои миллат дар рушди забон ва илми забоншиносии тоҷик / Ж.Б. Гулназарзода, **Р.Х. Нажмудинзода** // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. - Душанбе, 2024. - № 4 (56). – С. 5-9. ISSN 2226-9355

### II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

1. Нажмудинзода, Р.Х. Даврони истиқлол – марҳилаи нави инкишофи истилоҳоти забоншиносии тоҷик / Р.Х. Нажмудинзода // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони “Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав”. – Душанбе, 2024. - С.260-265.
2. Нажмудинзода, Р.Х. Баёни донишмандони асримиёнагии тоҷик доир ба истилоҳоти бахши луғатшиносӣ / Р.Х. Нажмудинзода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии “Ховаршиносии муосир ва дурнамои рушди он: масоили забоншиносӣ, матншиносӣ ва робитаҳои адабӣ”. - Хуҷанд, 2024. – С.178-182.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи “Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон кори анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи “Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 10-уми феврали соли 2025, суратҷаласаи №7 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 15 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи забоншиносии
ДБЗХТ ба номи
С.Улуғзода, номзади илмҳои
филологӣ, дотсент — Сафарова Гулчеҳра Файзовна

Ташхисгар:
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи забоншиносии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Каримзода Самариддин Раҳматулло

Имзоҳои Г.Ф. Сафарова,
Г.З. Абдуллоева ва С. Р.Каримзодаро
тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна